«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор
_____________ Гулназарзода Жило Бурӣ
«_6_» _майи_ соли 2024

# ХУЛОСАИ

Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба диссертатсияи **Тағоева Таҳмина Муродқуловна** дар мавзуи **«Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, типологӣ ва қиёсӣ

Ҳангоми таҳияи диссертатсия Тағоева Таҳмина Муродқуловна унвонҷӯйи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода буда, дар кафедраи номбурда ба ҳайси ассистенти кафедра фаъолият мекард.

Соли 2013 Тағоева Таҳмина Муродқуловна факултети романӣ-германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро аз рӯйи ихтисоси забони англисӣ (омӯзгор) дараҷаи мутахассисро хатм мекунад.

Соли 2020 Тағоева Т. М. ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул мешавад.

Роҳбари илмӣ – Матробиён Саодатшо Қосимзода – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2024, №3/403 аз тарафи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дода шудааст.

Мавзуи диссертатсия таҳти унвони «Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 29 октябри соли 2020 таҳти №2/3-5 тасдиқ гардидааст.

Аз рӯи натиҷаҳои муҳокима чунин хулоса карада шуд:

Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ то имрӯз мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст.

**Аҳамияти мавзуи таҳқиқ.** Омӯзиши мавзуи мазкур аз он ҷиҳат муҳим арзёбӣ мегардад, ки то инҷониб муайян кардани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар шакли муқоисаи ду забон: тоҷикӣ ва англисӣ ба роҳ монда нашудааст. Рисолаи илмии мазкур аввалин кори илмиест, ки ба омӯзиши ҳаматарафаи зооморфизмҳо бахшида шуда, ин бахши лексикаро дар чаҳорчӯбаи хусусиятҳои миллию фарҳангӣ мавриди омӯзиш қарор додааст.

Маводи ҷамъовардашуда доир ба зооморфизмҳо метавонад пеш аз ҳама барои илми забоншиносӣ ва баъдан барои фольклор, таърих, этнография ва этнология маводи дорои арзиши баланд дониста шавад. Таҳқиқу омӯзиши зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ имконият медиҳад, ки зооморфизмҳои ду забони муқоисашаванда: забони тоҷикӣ ва англисӣ бо назардошти хусусиятҳои миллию фарҳангии онҳо мавқеи худро дар низоми воҳидҳои лексикӣ пайдо намоянд.

Аз ин лиҳоз, мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтани зооморфизмҳои ду забон ба нуктаҳои дар боло зикргардида алоқаманд

буда, он падидаи нав дар таҳқиқи зооморфизмҳо, бо назардошти таҳлили хусусиятҳои этномаданӣ даниста мешавад.

Таҳлили забоншиносии ҷанбаҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дорои аҳаммияти калон ва арзиши баланд мебошад. Дар такя ба мулоҳизаҳои зикргардида интихоби мавзуи кори илмӣ-таҳқиқотии забоншиносӣ доир ба зооморфизмҳои ду забони омӯхташаванда саривақтӣ дониста шуда, аз аҳамият холӣ нест.

Мақсади асосии таҳқиқот ин муайян намудани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забони тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Ҳамчунин, таҳлили вижагиҳои зооморфизмҳо аз назари муқоисавӣ ва типологӣ ва ошкор намудани нишонаҳои умумӣ ва мухталифи типологии зооморфизмҳо дар забонҳои муқоисашаванда ҳадафи асосии таҳқиқ маҳсуб меёбад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.**

– ҷамъоварӣ ва таснифи мавзуии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– дар заминаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян кардани хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо;

– таҳлили хусусиятҳои лексикию семантикии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– тасниф намудани зооморфизмҳо аз рӯйи хусусияҳои коннотативӣ (мусбӣ ва манфӣ);

– таҳлили хусусиятҳои коннотативии зооморфизмҳо дар ду забони омӯхташаванда;

– таҳлили ифодаи рамзҳои зооморфӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– шарҳи хусусиятҳои маҷозии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

– муайян кардани басомади зооморфизмҳо дар забонҳои омӯхташаванда ва мавқеи онҳо дар инъикоси хусусиятҳои миллию фарҳангии ду халқият: тоҷик ва англис;

– муайян намудани хусусиятҳои сохториву грамматикии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқи рисолаи дисертатсиониро воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки дар таркиби худ зооморфизмҳо доранд, ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқ**. Пажуҳиши муқоисавии хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва баррасии умумию таснифии онҳо мавзуи таҳқиқот мебошад.

**Методҳои тадқиқот.** Омӯзиши масъалаҳои асосии илмӣ ва натиҷагирӣ аз рисолаи илмӣ бо усулҳои муқоисавӣ ва таҳлилӣ, синхрониву диахронӣ, усули оморӣ, усулҳои мусоҳиба ва пурсиш таҳия, низомбандӣ ва умумӣ кардани маълумот асоснок ва тасдиқ гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Рисолаи илмӣ аввалин кӯшише дар таҳлилу баррасии хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мебошад. Навгонии дигари диссертатсияи мазкур дар он арзёбӣ мегардад, ки бори нахуст хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ аз ҷиҳати лексикию семантикӣ, коннотативию экспрессивӣ ва метафорӣ таҳқиқ гардидаанд. Ҳамчунин, дар диссертатсияи мазкур таҳқиқи сохтори маъноӣ ва грамматикии зооморфизмҳо дар забонҳои муқоисшаванда анҷом дода шудааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки диссертатсияи мазкур барои корҳои пажуҳишии минбаъда дар соҳаҳои забоншиносии фарҳангӣ ва таҳқиқоти зарбулмасалу мақолҳо метавонад мусоидат кунад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли як қатор масъалаҳои амалӣ ва назариявии ин самтҳои забоншиносӣ метавонанд

истифода шаванд ва ҳамчун асос ва замина барои таҳқиқотҳои минбаъдаи илмию назариявии ин самтҳо хидмат намоянд.

Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ва муқоисаи онҳо ба ҳалли масъалаҳо барои зоҳир намудани қонунияти умумӣ ва фардии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар соҳаи вожашиносӣ ва барои муайян намудани роҳҳои бештар муносиби тарҷумаҳои зарбулмасал ва мақолҳои тоҷикӣ ба англисӣ мусоидат мекунанд. Чунин амал барои ҳал намудани як қатор масъалаҳои ҷудогонаи тарҷумаи амалӣ ва назариявӣ кумак мерасонад.

**Аҳамияти амалии кори илмӣ** дар он зоҳир мешавад, ки ба воситаи омӯзишу таҳқиқи ҷанбаҳои луғавии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, вижагиҳои луғавӣ ва услубии ин ду забон муайян гардида, хулосаҳои илмии ба дастомадаро метавон дар таълифи китобҳои забоншиносии фарҳангӣ, инчунин дар таҳияи луғатномаҳои фразеологӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ё фарҳангномаҳои дузабона, зимни гузаронидани курсҳо ва семинарҳои махсус доир ба лексика дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ истифода намуд.

**Соҳаи таҳқиқ.** Мазмуни таҳқиқи диссертатсионии мо ба шохаҳо ва соҳаҳои зерини забоншиносӣ мувофиқат мекунад: забоншиносии фарҳангӣ, забоншиносии қавмӣ, лексикология, фразеология, тарҷумашиносӣ, услубшиносӣ.

Муқаррароти зерин ба мудофиа пешниҳод карда мешаванд:

1. Зооморфизмҳо хусусан дар зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологӣ истифода мешаванд. Онҳо хусусиятҳои миллию фарҳангӣ, аз ҷумла анъана, урфу одат ва мероси маънавии ин ё он халқро инъикос менамоянд, ки барои ҳалли масъалаҳои забоншиносии фарҳангӣ мусоидат мекунанд.

2. Дар зооморфизмҳо хислату хусусият ва андешаю тафаккури мардумони забонашон муқоисашаванда ба таври хос инъиксос меёбанд. Зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ қисмати пуробуранги ҳар

ду забонро ташкил намуда, ҷанбаҳои фарҳангии онҳоро равшан нишон медиҳанд.

3. Омӯзиши муқоисавии зооморфизмҳои забонҳои омӯхташаванда барои таҳқиқи муқоисавии дигар вомвожаҳои зоонимӣ замина фароҳам меоварад.

4. Ҷанбаҳои фарҳангии зооморфизмҳо олами воқеӣ ва маънавии инсонҳоро инъикос менамоянд. Дарки олами атроф ва муҳити онро барои инсон – соҳибони забонҳо осонтар ва ҷаҳони андешаро фарохтар мегардонад.

5. Зооморфизмҳо дар гуфтори ҳамешагии соҳибзабонон иштирок мекунанд ва дар ташаккули тасвири забонии ҷаҳон дар ҳар забон – тоҷикӣ ва англисӣ иштирок нумуда, ҳувияти миллӣ ва фарҳангии соҳибзабононро нишон медиҳанд.

6. Коннотатсия воситаи ифодагари хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар ду забони муқоисашаванда буда, хислатҳои мусбат ва манфии соҳибзабононро ифода мекунанд.

7. Ифодаи маҷозии зооморфизмҳо барои нишон додани хусусияти миллию фарҳангии монандкунии сифоти ҳайвонот ба хислати инсонӣ хизмат мекунад.

8. Зооморфизмҳо, ҳамчун қисмати таркибии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, бо таъриху фарҳанг ва ҳаёти иҷтимоии мардум алоқамандии зич дорад.

9. Мақоми зооморфизмҳо дар лексикаи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ махсус буда, ҳамчун зарфияти забонӣ барои тавсифи маълумоти фаровони миллию фарҳангӣ, таърихӣ ва ақидавӣ низ хизмат мекунад.

**Саҳми шахсии муаллиф.** Муаллифи диссератсия бо такя ба маводи назариявии илмӣ ва маводи амалӣ – луғатномаҳою фарҳангномаҳо муҳимтарин хусусиятҳои вожагонӣ – маъноӣ, коннотативӣ ва маҷозии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисиро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои фарҳангӣ, таркиби вожагонӣ, мансубияти услубӣ, сохтори сарфии онҳоро муайян кардааст..

**Коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқ.** Муҳтавои диссертатсия дар маърузаву гузоришҳо дар конференсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (2018–2023) ва дигар конференсияҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ мавриди муҳокимаву баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертатсияи мазкур дар маҷлисҳои кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ ва кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмиллалии забонҳои хориҷии Точикистон ба номи Сотим Улуғзода низ баррасӣ шудааст.

**Интишори натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар ҳаҷми 9 мақолаи илмӣ вобаста ба мавзуи рисолаи илмӣ дар маводи конференсияҳо ва маҷаллаҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (КОА) ба нашр расидааст.

**1) Мақолаҳои зерини муаллиф дар маҷаллаҳои аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд:**

[1-М]. Тағоева, Т. М. Вазифаи коннотативии зооморфизмҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ // Паёми Донишкадаи забонҳо. – Душанбе, 2022, №4 (48) – С. 59 – 65. ISSN 2226-9355.

**[2-М].** Тағоева, Т. М. Ифодаҳои рамзҳои зооморфӣ дар таркиби ибораҳои фразеологии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023, № 2 – С. 108 –116. ISSN 2413 – 516X.

**[3-М]**. Тағоева, Т. М. Метафорашавии зооморфизмҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ. // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2023, № 1 (49) – С. 127 – 133. ISSN 2226-9355.

**[4-М]**. Матробиён, С. Қ., Тағоева, Т. М., Таркибҳои фразеологии зооморфии феълӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ. // Паёми Донишгоҳи забонҳо. – Душанбе, 2023, № 2 (52) – С. 106 – 114. ISSN 2226-9355.

**2) Мақолаҳои дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расида:**

**[5-М].** Тағоева, Т. М. Зоонимҳо дар таркиби фразеологизмҳо. // Ҷанбаҳои лингвистию муқоисавию омӯзиш ва тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот (Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ ). – Душанбе, 2021. – С. 76-78.

**[6-М].** Тағоева, Т. М. Проблема существования языка и мышления у животных. // Масъалаҳои мубрами назария ва амалияи таҳқиқот дар соҳаи забонҳиносӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ). – Душанбе, 2022. – С. 77-79.

**[7-М].** Тағоева, Т. М. Нақши зоонимҳо дар такиби фразеологизмҳо. // Масъалаҳои муҳими омӯзишу тадриси забонҳои хориҷӣ дар шароити рушди иноватсионӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ – амалӣ). – Душанбе, 2021. – С. 182-106

**[8-М].** Тағоева, Т. М. Таҳлили метафории зооморфизмҳо дар забонҳои гуногунсохтор. // Тақиқи масъалаҳои забоншиносӣ дар замони муосир (Маҷмуаи мақолаҳои устодон, докторантон ва магистрон). – Душанбе, 2023. – С. 54-67

**[9-М].** Тағоева, Т. М. Ибораҳои фразеологии зооморфии пешояндии феълӣ дар забонҳои муоқисашаванда. // Масъалаҳои мубрами филологияи англис (Маҷмуаи мақолаҳои устодон, докторантон ва магистрон). – Душанбе, 2024. – С. 54-67.

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, се боб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда ва замима иборат мебошад. Пайдарпаии бобҳо аз рӯи мантиқи таҳқиқот ва вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда муайян карда мешавад.

Дар муқаддима сабаби интихоби мавзуъ ва аҳамияти таҳқиқи он асоснок карда шудааст, объект, ҳадаф, вазифа ва усулҳои таҳқиқот, навгонии илмӣ, арзиши назариявӣ ва амалии натиҷаҳои бадастоварда, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда нишон дода шудаанд.

Дар боби аввал « **Асосҳои назариявии омӯзиши зооморфизмҳо дар забоншиносии муосир»** ҷанбаҳои фарҳангии забон ва таҳқиқи онҳо дар забоншиносии муосир баррасӣ ва тафсилоти муҳаққиқон оварда мешавад, коннотатсия ҳамчун воситаи инъикосгари хусусиятҳои миллию фарҳангии забон мариди баррасӣ қарор гирифта, пажуҳиши зооморфизмҳо дар забоншиносии ҷаҳонӣ ва назари забоншиносон доир ба онҳо таҳлил мегардад. Дар мулоҳизаҳо андешаи муаллифи диссератсия оварда мешавад.

Дар боби дуюми диссертатсия – **«Вижагиҳои маъноӣ ва миллию фарҳангии зооморфизмҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»**, ки аз 4 фасл ва зерфаслҳо мураттаб шудааст, таваҷҷуҳ ба вижагиҳои маъноӣ ва миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикию англисӣ дода шуда, дар он бахусус, хусусиятҳои коннотативӣ ва маҷозии зооморфизмҳо, ифодаи онҳо дар таркиби зарбулмасалу мақол ва воҳидҳои фразеологии забонҳои таҳқиқшаванда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад.

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои грамматикии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** ба таҳлили хусусиятҳои грамматикӣ – ибораҳо, таркибҳо ва ҷумлаҳои фразеологӣ бо ҷузъҳои зоонимӣ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ бахшида шудааст. Боби мазкур вобаста ба муҳтавои мавзуъ аз 4 фасл ва зерфаслҳо мураттаб шудааст.

Дар **хулоса**, натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст карда мешаванд, муқаррарот ва хулосаҳои асосӣ ва дурнамои омӯзиши минбаъдаи масъала оварда шудаанд.

Диссертатсияи Тағоева Таҳмина Муродкуловна дар мавзуи **«Хусусиятҳои миллию фарҳангии зооморфизмҳо дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»** таҳқиқоти илмии ба анҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад ва ба ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи филологияи англиси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул карда шудааст.

**Дар ҷаласа иштирок доштанд 21 нафар**

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор 21 - нафар, муқобил- нест; суратҷаласаи №9/1 аз 30 апрели соли 2024

Раиси ҷаласа:
мудири кафедраи филологияи англис,
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Кесамирова Саодат Рустамовна

Котиби ҷаласа: Туманов С

Имзоҳои Кесамирова Саодат Рустамовна ва
Туманов Саидмудасир Саидалиевич-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси
ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН ба номи СОТИМ УЛУҒЗОДА

**Нишонӣ:** 734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи СотимУлуғзода
Тел.: +992 372325000; Факс: +992 372325003; Сомона: www.ddzt.tj